آواز тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

16 ноябри соли 2024 Шанбе № 92 (15103)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

КОРҲОИ ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ ЭНЕРГИЯ ИҶРОШУДА ВА НАҚШАҲО БАРОИ ОЯНДА БАРРАСӢ ШУДАНД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 15 ноябр доир ба таъмини бефосилаи мардум ва соҳаҳои иқтисодиёт бо энергия, инчунин баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои соҳа ҷамъомад баргузор намуд.

Дар ин бобат вазифаҳои дахлдор дар ҷаласаи видеоселекторӣ, ки 10 июн баргузор гардида буд, муайян шуда буданд. Масъулон дар бораи корҳое, ки дар доираи иҷрои ин вазифаҳо анҷом ёфтаанд ва омодагӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон ҳисобот доданд.

Қайд гардид, ки газ мувофиқи талаботи афзояндаи мардум ва соҳаҳои иқтисодиёт интиқол дода мешавад. Дар натиҷаи таҷдиди соҳаҳо ва баланд бардоштани самаранокии энергия коҳиш ёфтани талафот ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар солҳои охир истеъмоли газ барои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 1,6 маротиба кам шудааст.

Ҳанӯз корҳои зиёдеро бояд анҷом дод. Зарур аст, ки таъминоти устувори аҳолӣ бо энергия дар мавсими ҷорӣ ва солҳои оянда таъмин карда, захираҳои кофӣ барои ин фароҳам оварда шаванд.

Дар ҷаласа ин масъалаҳо дар қисмати соҳаҳо баррасӣ шуданд.

Тибқи ҳисобҳо, дар мавсими зимистони имсола ба истеъмолгарон 21 миллиард метри мукааб газ интиқол дода мешавад. Агар ҳарорати ҳаво ба таври шадид паст шавад, талаботи мардум боз ҳам бештар мешавад. Масъулон нақшаи амалро дар чунин ҳолатҳо барои ҳар моҳ ва ҳар ноҳия таҳия намуданд.

Барои таъмини бефосилаи муассисаҳои иҷтимоӣ ва корхонаҳо захираи алоҳида пешбинӣ шудааст. Низоми таъмини нишонрас (мақсаднок)-и гази табиӣ ба неругоҳҳои барқӣ, корхонаҳои кимиёӣ ва металлургӣ, инчунин стансияҳои пуркунандаи газ ташкил карда шудааст.

Қайд гардид, ки бояд корҳоро дар соҳаи ҳисоби дақиқ ва назорати истифодаи газ идома дода, талафотро боз ҳам бештар коҳиш дода шаванд. Вазифа гузошта шуд, ки имкониятҳои барои сарфаи газ дар вилоятҳои Андиҷон, Навоӣ ва Тошканд, инчунин дар дигар минтақаҳо муайяншуда амалӣ карда шаванд.

Сарвари давлат ба шахсони масъул супориш дод, ки корҳои марбут ба таъмини энергияро дар сатҳи ноҳияҳо ва маҳаллаҳо ташкил карда, масъалаҳои вобаста ба таъминоти энергия, ҳамоҳангсозии талабот ва истеъмол, пешгирии қатъ шудани таъминотро дар маҳалҳо ҳал кунанд.

Дар ҷамъомад инчунин равандҳои тағйирот дар соҳаи газ баррасӣ шуданд. Муайян гардид, ки корхонаҳои соҳавӣ ба бозори байналмилалии молиявӣ баромада, мустақилона барои таҷдид маблағ ҷалб мекунанд.

Имкониятҳои бузургтарро дар таҷдид ва танзими шабакаҳои таъмини газ рақамикунонӣ ва шарикии давлатӣ-хусусӣ боз мекунад. Дар робита ба ин оид ба ҷалби операторони хусусӣ ба соҳа пешниҳодҳо баррасӣ шуданд.

Президент дастур дод, ки арзиши истеҳсолот дар қисмати ҳар як соҳа ва корхонаҳо кам карда, ҳароҷотҳо оптималӣ гардонида, раванди трансформатсия суръат бахшида шавад. Инчунин, муҳимияти густариши корҳои иктишофи геологӣ ва ҷалби ширкатҳои пешбари хориҷӣ таъкид гардид.

ЎзА.

Ин филм дар кинотеатрҳои Ҷопон дар ҷойи сеюм аз рӯи шуҳрат қарор дорад. Ба наздикӣ ин филм дар Чин ва дигар кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором низ намоиш дода мешавад.

ДАР ҶОПОН НАМОИШИ ФИЛМИ ЎЗБЕКИСТОНИЮ ҶОПОНИИ «МАҒЛУБНОПАЗИР, РОҲ БА ТОКИО» ОҒОЗ ЁФТ

Дар Ҷопон намоиши филми муштараки пурраметражи ҳунарии ӯзбекистонию ҷопонӣ бо номи «Мағлубнопазир, роҳ ба Токио» оғоз гардид. Филм ба иштироки бомбаффақияти мушташани маъруф Баҳодур Ҷалолов дар Бозиҳои олимпии Токио-2020 бахшида шудааст.

Намоиши филм, ки дар шаҳрҳои Токио, Сайтама, Нагоя ва Гифу ташкил шудааст, таваҷҷуҳи тамошобинони ҷопониро ҷалб кардааст. Дар ин чорабиниҳо сафири Ӯзбекистон Муҳсинхӯҷа Абдурахмонов, шахсони баландпояи Ҷопон, инчунин ҳунармандон ва варзишгарони машҳур ширкат варзиданд. Интизор меравад, ки дар давоми ду ҳафта ин филм дар 19 кинотеатри кишвар намоиш дода шавад.

Дар вақти намоиши филм дар Токио, вазири корҳои дохилӣ ва коммуникатсияи Ҷопон, муовини раиси Лигаи дӯстии парлумони Ҷопон бо Ӯзбекистон Сейичиро Мураками, инчунин вакили парлумон Судзуки Мунэо боварии худро изҳор карданд, ки ин филм дар таърихи муносибатҳои фарҳангии ду кишвар мавқеи махсус пайдо хоҳад кард.

Муовини мэри шаҳри Нагоя Матсуо Тошинори изҳори назар кард, ки филм ба ҷалби бештари мухлисони Ӯзбекистон дар Ҷопон мусоидат мекунад. Ӯ бо гармӣ зикр намуд, ки дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои байни Тошканд ва Нагоя аз соли 2019 лоиҳаҳои муштарак дар самтҳои гуногун бомбаффақият татбиқ шуда истодаанд.

Президенти ширкати «Nodaki Co., Ltd» Норитсугу Нода таъкид кард, ки ин филм метавонад ҳамчун илҳомбахши тарбияи қаҳрамонҳои нав хизмат кунад. Ӯ изҳори умед намуд, ки чунин лоиҳаҳои фарҳангӣ ба таҳкими минбаъдаи робитаҳои дӯстӣ байни Ӯзбекистон ва Ҷопон мусоидат хоҳанд кард.

Козо Киношита, ки дар намоиши нахустини филм дар Гифу ширкат дошт, зикр намуд, ки қаблан Ӯзбекистонро зиёрат кардааст, вале аз ин филм илҳом гирифта, ният дорад, ки боз ба кишвари мо сафар карда, аз табиати зебо ва ёдгориҳои таърихии он лаззат барад.

Продюсери филм Юко Масуда бо хурсандӣ қайд кард, ки филм оид ба маъруфият дар кинотеатрҳои Ҷопон дар ҷойи сеюм қарор дорад ва афзуд, ки пас аз намоишҳои нахустин дар Ҷопон, филм дар Чин ва дигар кишварҳои минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором низ муаррифӣ мешавад.

АИ «Дунё».

ТОКИО



Дар маҷмӯи намоишгоҳи марказии «Ӯзэкспомарказ»-и Тошканд таҳти шиори «Инноватсияҳо баҳри рушди барқарор» ҳафтаи ғояҳои навоварии байналхалқии «Inno-Week.Uz-2024» кори худро оғоз намуд. Ҳафтаи мазкур бо ташаббуси Агентии рушди инноватсияҳо ташкил карда шудааст. Мақсади асосии чорабинӣ аз боз ҳам ривоҷ додани ҳамкории байни сармоядорон, тадқиқотчиён ва соҳибкорон, боз кардани роҳи васеъ барои дар амал ҷорӣ намудани технология ва навовариҳои илм иборат аст.

Дар намоишгоҳи маҳсулоти инноватсионӣ 512 ташкилоти маҳаллӣ ва 34 хориҷӣ имкониятҳои худро намоиш медиҳанд. Муҳимаш, дар намоишгоҳ аз 30 давлат беш аз 150 нафар меҳмонони хориҷӣ ширкат меварзанд.

Суратгир: Н. ҲАЙДАРОВ. ЎзА.

ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ АЗ КИТОБ ВА КИТОБХОНА ОҒОЗ МЕЁБАД

Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон намоиши китобҳои шоиру нависандагони халқҳои гуногунмиллати бародариро таҳти мавзӯи «Ӯзбекистони Нав аз китоб ва китобхона оғоз меёбад» ва анҷумани адабӣ ташкил намуд.

Он рӯз бинои иттиҳодия намои идона дошт. Тарзи ҷобаҷогузории зиёда аз 300 китобе, ки дар 10 ҷевон ба намоиш гузошта шуда буд, диққати бинандагонро ба худ ҷалб менамуд...

Тарҷумаи асарҳои шоирони бузург, аз ҷумла Алишер Навоӣ ва Заҳириддин Муҳаммад Бобур ба забонҳои гуногун, инчунин маҷмӯи тадқиқотҳои олимони хориҷӣ оиди асарҳои ин алломаҳо дар ҷевони нисбатан боҳашам ҷой гирифта буданд.

Дар намоишгоҳ гузошта шудани асарҳои ба забони ӯзбекӣ тарҷумашудаи намояндагони адабиёти классикии ҷаҳон ба монанди Юнус Юмро, Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Акиф Эрсой, Шандор Петйофӣ ва дигарон; маҷмӯаҳои иборат аз қисса, роман ва ҳикояҳои намояндагони адабиёти халқҳои бародарии замони мо – Чингиз Айтматов, Анор Султон Райев, Ёқуб Умар ўғли ҷолиби диққат буд.

Яке аз ҷевонҳои намоишгоҳро асарҳои адибони тоҷик, қазоқ, рус, ки дар Ӯзбекистон умр ба сар мебаранд, аз ҷумла, Паймон, Юнуси Имомназар, Қалдибек Сейданов, Александр Файнберг, Николай Илин оро медоданд.

Ҷевони махсусро барои гузоштани маҷмӯи китобҳои шоирони ҷавон, ки дар доираи лоиҳаи «Китоби аввалин» ва серияҳои «Бӯстони назм» ва «Адиб ва ҷамъият» аз нашр баромадаанд, ҷудо кардаанд.

Дар анҷуман мушовири раиси Иттиҳоди нависандагон Салим Ашур, муовини раиси Кумитаи муносибатҳои байналхалқӣ ва робитаҳои дӯстӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ Азамат Тошев, Хусрав Саъдулло – раиси Шӯрои адабиёти тоҷик, Гулдона Авездурдиева – раиси Маркази миллӣ-мадании ҷумҳурии туркман, Раҳматулло Ҷабборов – раиси Маркази мадании ҷумҳурии қирғиз аҳамияти устувор касб намудани тамоюли таҳаммулпазирӣ, кушодадилии динӣ ва ҳамҷиҳатии миллатҳои кишварамон дар барпо намудани Ӯзбекистони Навро таъкид намуданд.

Дар анҷуман ёдрас шуд, ки муҳаббат ба китобхонӣ аз аҷдодон ба мо мерос монда, ҳоло барои шоиру нависандагон имкониятҳо фароҳам гардидаанд.

Назокат УСМОНОВА, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон.

Ислоҳот

ЭНЕРГИЯИ САБЗ: БА СӮЙИ ТАРАҚҚИЁТИ УСТУВОР

Имрӯз рушди иҷтимоию иқтисодӣ, маҳдуд гардидани захираҳои табиӣ ва тезу тунд шудани мушкилоти экологӣ ба як масъалаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, соҳаҳои иқтисодиёти сабз ва энергияи сабз босуръат рушд мекунанд ва эътибор ба онҳо торафт бештар мегардад.

Энергияи устувор ва тағйирёбии иқлим масъалаҳои ба ҳам вобаста буда, онҳо ҳангоми гузариш ба манбаъ ва амалияҳои энергияи тоза ва устувор, барои кам кардани сатҳи тағйирёбии иқлим ҳаракати муштараки глобалиро тақозо мекунанд. Қабули қарорҳои энергияи сабз як қадами муҳим ба сӯйи ояндаи устувор мебошад.

Муҳимтарин Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP29), ки рӯзи 11 ноябр дар Боку барпо шуд, платформаи асосии мубоҳисаҳои бузурги ҷаҳонӣ оид ба чораҳои мубориза бо тағйирёбии иқлим мебошад. Дар доираи COP29, ки ёздаҳ рӯз идома меёбад, 14 ташаббуси вобаста ба иқлим ва ҳадафҳои рушди устувор пешбарӣ карда мешаванд. Долонҳои энергияи сабз, захираҳои энергияи сабз, ҳамоҳангӣ барои устуворгардонии иқлим, гидрогени тоза, кам кардани метан дар партовҳои органикӣ, фаъолият дар соҳаи технологияҳои рақамии сабз ва ғайра аз ин ҷумлаанд.

Дар ин чорабинии сатҳи байналмилалӣ Сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев баробари роҳбарони давлат ва ҳукуматҳо, ташкилот ва институтҳои молиявии бонуфузи байналмилалии беш аз 80 мамлакати ҷаҳон иштирок ва суханронӣ намуда, бо мақсади якҷоя бартараф кардани оқибатҳои тағйирёбии ҷаҳонии иқлим як қатор ташаббусҳоро ба миён гузошт.

Бояд гуфт, ки энергияи сабз ин истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия мебошад ва ҳангоми истеҳсоли онҳо ба муҳити зист зараре намерасад. Энергияи офтоб, шамол, биомасса, об ва геотермалӣ манбаъҳои асосии энергияи сабз мебошанд. Ин манбаъҳо нисбат ба манбаъҳои анъанавии энергия аз ҷиҳати экологӣ тозатаранд ва нотозашавии ҳаворо кам мекунанд. Дар ҳоле ки ҷаҳон бо оқибатҳои фарогири гармшавии ҷаҳонӣ ва таназзули муҳити зист мубориза мебарад, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, баланд бардоштани самаранокии он ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт аҳамияти калон дорад. Ва ин чорабиниҳо як силоҳи бузург дар мубориза бо тағйирёбии иқлим мебошанд. Созишномаҳои ҷаҳонӣ, чун Созишномаи Париж барои ноил шудан ба ояндаи устувор мамлакатҳоро муттаҳид карда, масъулияти муштаракро пурзӯр мекунад. Тавассути ҳамкорӣ ва навоварӣ имкони камтар кардани оқибатҳои харобиовари тағйирёбии иқлим ва оғози давраи устуворӣ ва ҳамоҳангии экологӣ мавҷуд.

Истифода аз манбаъҳои энергияи сабз як қатор бартариҳо дорад. Масалан, дар ҳифзи муҳити зист аҳамиятнок аст. Олудашавии ҳаво, об ва хокро ба таври назаррас кам мекунад. Масалан, истеҳсоли неруи барқ бо истифода аз энергияи офтобӣ ва шамол, партовҳои карбон дар сатҳи минималӣ мешаванд ва ин ба пешгирии гармшавии глобалӣ ва тағйирёбии иқлим мусоидат мекунад.

Инчунин, захираҳои энергетикии сабз номаҳдуданд ва истифодаи онҳо барои устуворӣ ва самарадории иқтисодӣ хидмат мекунад. Сармоягузорӣ ба инфрасохтори энергияи барқароршаванда, рушди технологияҳои нав дар соҳаи энергетикаро низ такон мебахшад. Ғайр аз ин, бо кумаки иқтисодиёти сабз ва энергияи сабз ҷойҳои нави корӣ ташкил мегарданд. Ин дар баробари пешрафти иқтисодиёт, ба беҳтар гардидани шароити зисти аҳолӣ, некӯаҳволии иҷтимоӣ хидмат мекунад. Инчунин, бо истифода аз технологияҳои сабз муҳити солим ва бехатари зиндагиро офаридан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки захираҳои анъанавии энергетикӣ нисбат ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия маҳдудтаранд. Инчунин, энергияи сабз истеҳсоли энергияи дохилиро афзоиш медиҳад ва вобастагиро аз манбаъҳои берунии энергия кам мекунад.

Иқтисоди сабз ва энергияи сабз на танҳо инкишофи иқтисодӣ, балки рушди устувори муҳити зист ва ҷомеаро низ таъмин мекунанд. Дар оянда ин соҳаҳо аҳамияти бештар пайдо карда, дар сиёсати тараққиёти мамлакатҳо мавқеи асосиро ишғол хоҳанд кард. Ин ҳама дар роҳи ноил шудан ба устворияи экологӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, сарфаи захира ва пешгирии тағйирёбии иқлим қадами муҳим ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ ба иқтисодиёти сабз, энергияи сабз ва ривоҷдиҳии онҳо яке аз масъалаҳои мубрами рӯз мебошад, ки барои ҳифзи саломатии инсон, муҳити зист, фаровонӣ ва ояндаи ободу сарсабз хидмат мекунад.

Фирӯза РАҲМАТУЛЛОЕВА, дотсенти кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Бухоро, Аслиддин АБДУЛЛОЕВ, мудири кафедраи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Бухоро.

ОБУНА БАРОИ СОЛИ 2025 ИДОМА ДОРАД!

Хонандагон, ҳаводорон ва алоқамандону муштариёни рӯзномаи номвари «Овози тоҷик»!

Индекси обуна 170

Шумо тариқи обуна шудан ба рӯзномаи садсолаи «Овози тоҷик» метавонед тамоми сол:

– беҳтарин хабару гузоришҳоро аз ҳаёти Ӯзбекистон;

– мақолаҳои ҷолибу хонданӣ;

– матолиби таҳлилӣ ва танқидӣ;

– маълумоти муҳим ва муфиди фарҳангиву адабиро мутолиа намоед.



Дӯстони азиз! Ба рӯзномаи дӯстдоштаатон «Овози тоҷик» обуна шуда, дар рушду пешрафт ва боз ҳам хонданитар гардидани он саҳм гузоред!

Телефон барои муроҷиат: +998 55 5200336.

БА КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ХОНАҲОИ НАВ СУПУРДА ШУД

Кормандони мақомоти корҳои дохилии вилояти Фарғона барои таъмини сулҳу оромии мамлакат шабу рӯз вазифаи худро софдилона ва садоқатмандона ба ҷо меоранд. Онҳо барои дар сатҳи баланд иҷро кардани фаъолияти хидматӣ бо таҷҳизоти муосиртарин таъмин мегарданд.

Ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров якҷоя бо роҳбарони секторҳои вилоят бо корҳое, ки дар ин самт дар шаҳри Фарғона амалӣ мешаванд, шинос шуд.

Ба ҳокими вилоят роҷеъ ба корҳое, ки дар ин сохтор дар асоси тамоюли минтақаи бехатар амалӣ мешаванд, маълумот дода шуд. Зимни шиносоӣ бо равандҳо дар бораи лабораторияи нави амнияти киберӣ, технологияҳои замонавии ин маскан ва имконоти кории онҳо тақдимот доир гардид. Ҳамчунин бо фаъолияти Маркази мониторинг ва таҳлили Шуъбаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии шаҳри Фарғона сохта шудааст, бо тантана калиди хонаҳои ободу зебои 2 ва 3 ҳуҷрагӣ супурда шуд.

Иштироккунандагони чорабинӣ бо шароити хонадонҳо шинос шуданд.

М. СУЛАЙМОНОВ,
мухбири ӮзА.

14 ноябри соли равон дар сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ӯзбекистон ҷамъомади идона ба хотири таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

ЧОРАБИНӢ ДАР ФАЗОИ ДӮСТОНА ГУЗАШТ

Дар чорабинӣ сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода доир ба таҳкими робитаҳои дӯстии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, ба рамзи давлатдорӣ ва ваҳдати миллӣ табдил ёфтани Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори назар намуд ва хидматҳои шоистаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар рушду пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол, вусъатёбии ҳамкориҳо бо мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ӯзбекистон баён кард.

Сипас, раиси Федератсияи Иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон Маликшоҳ Неъматзода, ки ба муносибати Рӯзи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон ва бинобар иштирок дар Конфронси байналмилалӣ зери унвони «Шартномаи нави ҷамъиятӣ: назари иттифоқҳои касабаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ» бо сафари расмӣ ба Тошканд омада буд, роҷеъ ба хидматҳои шоистаи саронаи ду давлат Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон дар гуфтушунидҳои роҳбарони ду давлат ва ҳайати ҳамроҳ, ки ба ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра мусбат арзёбӣ шуда, ба ҳалли масъалаҳои ҳалталаб таъкид ба амал оварда шудааст, маълумот дода шуд.

Дар маросими супоридани хонаҳои нав ҳокими вилоят кормандони фаъолу фидокорро, ки хидмат ба манфиати мардумро вазифаи асосии худ медонанд, самимона табрик гуфта, дар ҷодаи фаъолият ба онҳо комёбиҳо таманно кард.

Ба 47 нафар соҳибони хонаҳои нави бинои баландошёнае, ки дар ҳудуди Шуъбаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти корҳои дохилии шаҳри Фарғона сохта шудааст, бо тантана калиди хонаҳои ободу зебои 2 ва 3 ҳуҷрагӣ супурда шуд.

Иштироккунандагони чорабинӣ бо шароити хонадонҳо шинос шуданд.

М. СУЛАЙМОНОВ,
мухбири ӮзА.

Ҳафтаи таҳаммулпазирӣ анҷом ёфт

ҒОЯҲОИ НЕК БОҚИСТ...

Ҳафтаи гузашта, ки таҳаммулпазирӣ ном дошту тараннумгари дӯстии халқҳо, инчунин, меҳру оқибат, саховатмандӣ ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ буд, ба охир расид. Аммо мо бо боварии комил гуфта метавонем, ки мардуми мо чун ҳамеша тарафдори осудаҳолист, дар ҳоле ки дар баъзе гӯшаҳои дунё ҷангҳои хонумонсӯз идома дорад, омода аст ҷабрдидагонро дастгирӣ намояд, ба онҳо дасти мадад дароз кунад.

Дар «Изҳороти тамоюлҳои таҳаммулпазирӣ» қайд шудааст, ки «Таҳаммулпазирӣ – эҳтиром, пазируфтан ва дарки дурусти фарҳангҳои ғанӣ ва мухталифи ҷаҳон, шаклҳои баёни ҳувияти инсон ва роҳҳои зуҳуроти шахсияти инсонӣ» мебошад. Инчунин, дар изҳорот омадааст, ки «мардум аз рӯи намуди зоҳирӣ, мақом, гуфтор, рафтор ва арзишҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, онҳо ҳақ доранд дар сулҳу осоиштагӣ зиндагӣ кунанд ва шахсияти худро ҳифз кунанд ва зарур аст, ки ҳар кас ин ҳуқуқро эътироф намояд».

Албатта, чунин тамоюлҳо ба таҳкими ҳамбастагии байни миллатҳо ва динҳо нигаронида шуда, имрӯз меъёрҳои он дар қонун ва Сарқонуни ҷумҳурии мо пурра татбиқ гардидааст.

Дар шаҳру вилоятҳои мамлакатамон дар давоми ҳафта намоиши суратҳо, китоби адибони миллатҳои мухталиф, гала-консерт ва конфронсҳои маърифатӣ баргузор гардида, дар телевизион ва шабакаҳои иҷтимоӣ намоиш дода шуд. Байни хонандагони мактабҳои миёна озмуни иншо таҳти мавзӯи «Кушодадилӣ барои ман...» ва «Олами таҳаммулпазири ман» баргузор гардид, ки ҳамаи ин ҷиҳати бедор кардани ғояҳои чунин арзиши беназир дар қалби ҷавонон мебошад.

Мақсади асосӣ аз баргузор намудани чунин ҳафтаина, ки мустаҳкам намудани муҳити кушодадилӣ ва дӯстии халқҳо дар ҷамъият, тарбияи насли наврас дар рӯҳи эҳтиром ба арзишҳои милливу муҳаббат ба Ватан, ҳифзи урфу одат, анъанаҳои миллӣ, фарҳанг ва забони халқиятҳо ва пеш аз ҳама, рушди робитаҳои дӯстӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ буд, самараи худро хоҳад дод.

Набия НОДИРОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик».



Дар чаҳорчӯбаи барномаи « Ҳафтаинаи таҳаммулпазирӣ» дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд «Ӯзбекистон – сарзамини таҳаммулпазир» фотонамоишгоҳ ташкил карда шуд. Намоишгоҳ баҳри рушди муносибатҳои дӯстонаи байни миллатҳо, озодии дин ва ҳифзи арзишҳои миллӣ хидмат мекунад.

Дар сурат: *лаҳза аз фотонамоишгоҳ.*

Суратгир: М. АМИН. (ӮзА).

18-уми ноябр – Рӯзи қабули парчами давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

БОИСИ ИФТИХОР ВА ШАРАФМАНДӢ

Инсон бидуни эътиқод зиста наметавонад. Эътиқод, дин ва виҷдони ӯ дар муҳаббат нисбат ба замине, ки вай таваллуд шудааст, ҳамчунин рамзҳои муқаддаси он зоҳир мегардад.

Парчами давлатӣ рӯнамои мамлакат ба шумор меравад. Мо ба парчами худ эҳтиёткорона муносибат мекунем, онро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз менамоем. Ҳамдиёрони мо ҳангоми дар кишварҳои гуногуни хориҷӣ будан вақте Парчами Ӯзбекистонро дар байни парчами кишварҳо мебинанд, ба ҳаяҷон омада, эҳсосеро аз дил мегузаронанд.

Алҳол мамлакати мо ба олам ба сифати Ӯзбекистони Нав муаррифӣ мегардад. Ҷомеаи ҷаҳон кишвари муқаддаси моро ҳамчун сарзамини дорои таърих ва фарҳанги ғаниву куҳан эътироф мекунад, ки бо олимони бузурги худ дар рушди илму маърифат саҳми беқиёс гузоштааст, ҳамчунин ба сифати кишваре мешиносад, ки равандҳои васеъмиқёси бозсозӣ, ислоҳоти бебозгаштро татбиқ менамояд.

Сулҳу салоҳ ва фаровонӣ, дӯстӣ ва ҳамдилии халқ, ки дар мамлакати мо ҳукмрон аст, бунёдкориҳои он боиси ифтихори махсус мебошанд. Парчами кишвари мо саъю кӯшиши халқро, ки бо қадамҳои дилпурона ба оянда меравад, собит месозад.

Сазовори эътибор аст, ки кӯдакон бо рамзҳои муқаддаси Ватани мо аз синни хурдӣ, ҳанӯз дар муассисаҳои таълими томактабӣ шинос мешаванд. Мо бисёр мушоҳида кардаем, ки фарзандонамон дар даст байрақчаҳои Ӯзбекистон бо хурсандиву ифтихор ва қаноатмандӣ сурудҳои ватандӯстона месароянд.

Парчам ба писарону духтарон кумак мерасонад, ки Ватанро амиқтар шиносанд, дарк намоянд, ки он ба мо муҳаббат ба Ватанро меомӯзад.

Бидуни шубҳа, парчами мамлакат ба тимсоли мардиву ватандӯстӣ, ҷасорату шуҷоат, озодӣ, некӣ ва бахту саодати Ӯзбекистони бемисл табдил ёфтааст.

Дар кишвари мо пеш аз таҷлили ин сана чорабиниҳо – ҷашнвораҳои гуногун, мусобиқаҳои варзишӣ, иқдоми саломатӣ ва иҷтимоӣ, конфронсҳои маърифатӣ баргузор мешаванд.

Чунин чорабиниҳо дар сатҳи баланди ташкилӣ ва рӯҳи болида дар маҳаллаҳо, ҷамоаҳои меҳнатӣ, муассисаҳои таълимиву динӣ, қисмҳои ҳарбӣ мегузаранд. Иштироки фаъоли ҳамдиёрони мо дар онҳо шаҳодати эҳтироми бузург ва садоқати бепоёни мардум ба рамзҳои муқаддаси Ватан мебошад, онҳо ба тақдири мамлакате, ки дар он зиндагӣ доранд, бефарқ нестанд.

Нилуфар ҚАҲҲОРОВА,
мудири Маркази ахбору китобхонаи ноҳияи Самарқанд.

ДАР ДӮСТӢ СОБИТҚАДАМ БОШЕМ!

Дар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё низ як зумра чорабиниҳои хотирмон доир гардид, ки рӯзи ҷаҳонии таҳаммулпазириро дар байни аҳолии қаламрав, миллатҳои гуногун, хоса муҳассилони мактабҳои миёнаву олӣ ба таври васеъ тарғиб сохт. Дар ин авохир бо ширкати муовинони ҳокими вилоят, мудирони котибияти идораҳо, намояндагони марказҳои миллии русу тоҷику туркман, сарварони бахши маънавият ва маърифати муассисаҳои таълимиву тандурустӣ ҷамъомади бошукӯҳ баргузор гардид ва дар он роҳҳои муассири дар амал татбиқ сохтан ва тарғиби таҳаммулпазириро дар байни миллатҳои маскуни вилоят мавриди муҳокима қарор доданд.



Бояд гуфт, ки алҳол дар тамоми қаламрави вилоят ба бузургдошти Рӯзи байналмилалии таҳаммулпазирӣ чорабиниҳои мухталиф доир гардиданд ва миллатҳои маскуни ин хокро ба дӯстию рафоқат, намояндагони кулли динҳоро ба ҳамдигарфаҳмиву эҳтироми боварии ҳамдигар даъват карданд.

Дар ин муддат намоиши китобҳои нависандагон ба забонҳои гуногун, асари мусаввирони ватаниву хориҷӣ, намунаи эҷоди рассомони ҷавон, маҳсули дастони ҳунармандон, дидору мулоқот бо адибон, намоишҳои консертии ҳофизон, ки ҳама ифодагари мавзӯи таҳаммулпазирӣ ва тарғиби он аст, баргузор шуд. Саридораи таълими томактабӣ ва мактабии вилоят дар байни хонандагон озмуни иншои беҳтаринро дар мавзӯи «Ӯзбекистон – хонаи умеди мо», «Ӯзбекистон – Ватани умумии мо» гузаронд ва ғолибони онро ба таври шоён тақдир сохт.

Чунин чорабиниҳо бо рангу мазмуни волотаре дар амал татбиқ мегарданд, ки авзои ҷаҳон рӯз аз рӯз мураккаб шуда, дар ҳар гӯшаи замин ҷангҳои хонумонсӯз аланга мезананд ва хушку тарро ба коми худ мекашанд. Ҳамчунин неруҳое зуҳур мекунанд, ки зиндагии орому осоиштаи моро дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол чашми дидан надоранд ва пайваста дар амалӣ сохтани ниятҳои бади худ ҳастанд.

– Бадхоҳон ҳаргиз ба мақсади бад нахоҳанд расид. Чунки дӯстии безаволи мо ба ин роҳ нахоҳад дод! – бо қатъияти тамом гуфт Карим Тошқулов, раиси маркази миллии тоҷикони ноҳияи Деҳқонобод дар чорабинии фарҳангие, ки бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии таҳаммулпазирӣ доир гардид. Вай афзуд, ки тоҷикон як чузъи чудонашаванда ва аз миллатҳои таҳҷоии ҷумҳурӣ ҳастанд. Дар бари кулли миллатҳои маскуни ин сарзамин ба ободии диёри худ мекӯшанд ва ба фардои дурахшони Ватан боварии қатъӣ доранд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Қашқадарё.

СОҲИБКОРИИ БОНУВОН ВУСЪАТ МЕЁБАД

Ҷонишини Сарвазири Ӯзбекистон Зулайхо Маҳкамова бо кору фаъолияти занони соҳибкор, занон-роҳбарони хоҷагиҳои фермерӣ ва вусъати корхонаҳои оилавии ноҳияи Уйчии вилояти Намангон шинос шуд. Рафти бо кор таъминшавии бонувонро аз назар гузаронд.

– Гул ба инсон нафақат завқи эстетикӣ мебахшад, ҳатто ба бюҷети оила низ фоидаи калон меоварад, – мегӯяд ӯ. – Харидорон барои хариди гул ба хонаам меоянд.



Коргарони корхонаи «Уйчи нутс»-и маҳаллаи Исломобод бо қадоккунии мағзи чормағз машғул мебошанд. Маҳсулоти тайёршуда ба Туркия содир мешавад. Ин ҷараён асосан кори дастӣ буда, коргарон имконият доранд, ки бо усули хонакорӣ ин корро дар хонаашон низ иҷро кунанд.

Ҳуснида Юсупова яке аз тадбиркорони пешқадами ноҳия ба шумор меравад. Ӯ дар маҳаллаи Ӯнҳаят зиндагӣ мекунад ва дар сехи ташкилкардаи худ ба 30 нафар занону духтарони маҳалла ҳунари кулолгариро меомӯзад.

Ойдина Наҷмиддинова низ дар ин маҳалла «Маркази саломатӣ» ташкил кардааст, ки бонувон дар ин ҷо маслиҳатҳои тиббӣ гирифта, аз масҳ, физиотерапия баҳра бурда, бо варзиш машғул мешаванд.

Машғулоти дӯстдоштаи Раънохон Акбарова бошад – гулпарварӣ. Ӯ дар ҳавлии худ гармхона ташкил карда, аз сад зиёд намуди гулҳои ноёбро парвариш менамояд.

Зулайхо Маҳкамова бо рафти кори занони соҳибкор шинос шуда, ба фаъолияташон баҳои баланд дод, дар ҷамъомаде, ки бо иштироки фаъолони ноҳия баргузор гардид, оиди боз ҳам вусъату дастгирии тадбиркорӣ ва фаъолнокии бонувон дар соҳаҳои гуногун фикру мулоҳизаҳои худро иброз дошт.

Шоҳида ДАМИНОВА,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Намангон.

Дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ бо ташаббуси Вазорати адлия бобати ба роҳ мондани иҷрои Фармони Президент «Дар бораи эътироф намудани ҳуқуқи моликият нисбати қитъаҳои замини худсарона ишғолгардида ва биною иншооти дар онҳо сохташуда» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

БАРҲАМ ДОДАНИ ҲОЛАТҲОИ ҚОНУНШИКАНИИ ЗАМИН

Дар он роҳбарони вазорат ба иштирокдорони чорабинӣ доир ба тартиби мушаххаси қонунигардонии манзилҳои бидуни ҳуҷҷат бунёдшуда, эътироф кардани ҳуқуқ ба заминҳои худсарона ишғолгардида ва амволи ғайриманқули дар онҳо бунёдшуда маълумоти муфассал доданд.

Дар анҷумани матбуотӣ муовини вазир Алишер Каримов таъкид кард, ки моҳи августи соли ҷорӣ қонуни таърихӣ, ки онро миллионҳо шаҳрвандон солҳо интизор буданд, ба имзо расид. Ин қонун аз 8 ноябри соли равон мавриди истифода қарор гирифт. Айни замон кормандони Агентии кадастр бар асоси ҷадвали тасдиқшуда барои солҳои 2024-2025 ба тадқиқи маҳалҳо шурӯъ карданд. Яъне, тибқи маълумоти агентӣ, моҳҳои ноябр-декабри соли ҷорӣ дар 901 маҳал ва соли 2025 дар 2980 маҳал корҳои бақайдгирӣ анҷом дода мешаванд. Баъдтар, солҳои 2026-2027 маҳалҳои боқимонда мувофиқи ҷадвал амалиётро идома медиҳанд.

Имрӯзҳо барои таъмини бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ва молу мулки ғайриманқул, пешгирии худсарона азхудкунии қитъаҳои замин, назорати давлатӣ дар ошкор кардан ва барҳам додани ҳолатҳои қонуншикании вобаста ба замин низоми автоматикунонидашудаи иттилоотии «Назорати электронӣ», ки аз ҷониби Агентии кадастр таҳия шудааст, самарабахш истифода мешавад, – гуфт сардори раёсати омӯзиши истифодаи амалиёти ҳуқуқ Узакберген Ҷаксимуротов. – Бинобар ин барнома ба коғазбозии зиёдатӣ хотима дода, муҳлати пешгирии ҷиноятҳо кӯтоҳ ва суръати мубодилаи ҳуҷҷатҳои байниидоравӣ тезонида шуданд. Вай ба коршиносон имкон медиҳад, ки бо ёрии тасвирҳои кайҳонӣ вазъи заминро назорат ва саривақт ошкор кардани сохтмонҳои ғайриқонуниро муайян кунанд.

Инчунин, ҳоло дар саросари ҷумҳурӣ ба сифати санҷиш тавассути планшетҳо чорабиниҳои назоратӣ гузаронида, бақайдгирии электронии қонуншиканиҳо дар ҷойи ҳодиса ба роҳ монда шуд. Дар натиҷа тавассути ин дастгоҳ шахсияти вайронкунандагони қонуни вобаста ба замин мушаххас гардида, имкони дар ҷойи ҳодиса дар шакли электронӣ тартиб додани санади маъмурӣ пайдо мешавад.

Дар рафти чорабинӣ зикр гашт, ки тибқи қонун, ҳуқуқ ба қитъаҳои замин ва биноҳои дар онҳо сохташуда дар ҳашт ҳолат ба расмият дароварда мешаванд, ки онро бояд ҳар як корафтода донад.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

ХОТИРҶАМЪӢ НЕЪМАТИ БУЗУРГ АСТ

Дар шаҳри Нурафшон бахшида ба Ҳафтаи дӯстиву рафоқат, таҳаммулпазирӣ бо иштироки намояндагони миллатҳои гуногун чорабинии маънавиву маърифатӣ зери шиори «Ӯзбекистон – диёри саховатманд» баргузор гардид.

Дар чорабинӣ раиси садорати ҳудудии Оҷонсии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии вилояти Тошканд Зарифа Эралиева қайд намуд, ки дар Ӯзбекистон ҳамаи миллатҳо бо дӯстиву ҳамҷиҳатӣ, ҳурмату эҳтиром нисбати якдигар осудаҳолона, дар фазои сулҳу субот зиндагӣ доранд. Якдигарро мефаҳманд ва байни онҳо риштаи дӯстӣ мустаҳкам аст.

Сарвари давлатамон аз паси минбари баланди ташкилотҳои бонуфуз истода, оиди сулҳу осоиштагӣ ҳарф мезанад ва роҳҳои пешгирии хавфу хатарҳои марбут ба инсониятро нишон медиҳад, ки ба ин васила таваҷҷӯҳи давлатҳои дигари ҷаҳон ба Ӯзбекистон рӯз то рӯз зиёд мешавад.

Дар нишасти ҳамҷиҳативу дӯстии халқҳо намояндагони динҳое, ки дар мамлакатамон фаъолият доранд, инчунин, имом-хатибон низ ширкат доштанд. Онҳо аз ҳадисҳо мисол оварда, таъкид намуданд, ки хотирҷамъиву осоиштагӣ худ неъмати бузург аст ва бояд ба қадри он расид. Бояд шукргузор буд. Роҳбарони марказҳои миллӣ низ дар навбати худ ҳамаро ба дӯстиву рафоқат, ҳамҷиҳатӣ ва ҳифзи ин неъмати бузург даъват намуданд.

Сулаймон СОДИҚ,
омӯзгори мактаби рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд.

Акси садо

МЕХОНАМ ВА ХОҲАМ ХОНД

Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё ки забон надорад.

Садриддин АЙНӢ.

Ин таъкиди ватандӯстонаи устоди бузург сад сол боз аҳамияти худро гум накардааст. Рӯзнома матбуоти даврӣ буда, дар он матолиби вобаста ба воқеаву рӯйдодҳои рӯз чоп мешаванд. Рӯзномаҳо дар ҳаёти ҷумҳурии мо мавқеи бузург доранд. Онҳо аслиҳаи тавонотарини муборизаи сиёсӣ, аз воситаҳои асосии ахборӣ ва тарғиботи оммавӣ ба шумор мераванд.

Пас аз мутолиаи мақолаи мухбири «Овози тоҷик» Фаридуни Фарҳодзод «Ҳозир ҳам газета мехонанд (-мӣ)!?» («Овози тоҷик», 9 октябри соли 2024, шумораи 81) хостам чанд андешаи худро баён намоям.

Муаллиф дар мақола доир ба рӯзнома, мавқеъ ва аҳамияти он ҳарф зада, таъкид мекунад: «Набояд фаромӯш кард, ки газета хондан, умуман мутолиа, донишро мустаҳкам, иродаро қавӣ, маънавиятро воло намуда, ба инсон мушоҳидакорӣ, интизом, дақиқназариро меомӯзад».

Камина солҳои дар мактаби миёна хондан ба рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик»), «Пионери Тоҷикистон», солҳои таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба рӯзномаҳои «Ба қуллаҳои дониш», «Ҷавонони Тоҷикистон» ва солҳои омӯзгорӣ дар мактаб ба рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Омӯзгор», «Адабиёт ва санъат» обуна шудаам. Ҳар як шумораи онҳоро бесаброна интизор мешудам. Мақолаҳо менавиштам ва онҳо чоп шудаанд.

Ҳангоме ки дар мактаби миёна аз фанни «Алифбои ниёгон» дарс медодам, ба моҳномаи «Чашма» (сардабир Камол Насрулло, бо хати форсӣ) обуна шуда будам. Дар дарсҳо аз моҳномаи мазкур фаровон истифода мебурдам. Даҳ шумораи моҳнома, ки соли 1991 чоп шудааст, то ҳол чун ганҷинаи камина маҳфуз аст.

Ба шахсоне, ки (омӯзгорон низ) «нархи обуна қимат», «обуна маҷбурӣ не» мегӯянд, байтҳои зерини шоирро ҳамчун ҷавоб меорам:

Дӯстон мушкилии давру замон мегузарад,
Зиндагонӣ ба ҳама суду зиён мегузарад.
Нафурӯшед ба ночорӣ яке вичдонро,
Рӯзи кас гоҳ ба обу лаби нон мегузарад.

Дар деҳаи мо нафақахӯрон, аз ҷумла, Сарибой Ярашев, Ҳусейнбой Шарифов, Мақсад Маъдиев, Тағоймурод Рачабов ва ғайра ҳар як шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро дақиқназарона мехонанд ва баррасӣ менамоянд.

Ман имрӯз низ ҳаёти худро бидуни рӯзнома наметавонам тасаввур кунам. Мехонам ва то зиндаам, хоҳам хонд.

Собир ЭРГАШЕВ,
омӯзгори собиқадор аз деҳаи Поршти ноҳияи Фориш.

Аз ҳаёти кӯдакистон

ШУКРГУЗОРӢ АЗ ДАВРОН

Имрӯзҳо дар ҳама гӯшаву канори кишвар ободиву шукуфоии ин мулки биҳиштосо бараъло ба мушоҳида мерасад. Мусаллам аст, ки дар ҳама ҷабҳаҳои сохтори ин меҳани гулгулшукуфони мо пешравӣ ва ободиҳо яке паси дигар рӯйи кор меоянд.

Ба ин Ватан нигоҳи ошиқона мекунам,
Сару дилам фидои ин замона мекунам.
Муҳаббати самимии бародаронаро,
Ба ҳар қадам, ба ҳар нафас тарона мекунам.

Яке аз соҳаҳое, ки имрӯз ба пешравии он диққати махсуси ҷомеа равон аст, соҳаи мактабу маориф мебошад. Дуруст аст, ки бе мактабу маориф, бе илму тарбия ягон ҷамъият рӯ ба пешравӣ намеоварад.

Мактаб сабаби ҳаёт бошад,
Мактаб сабаби наҷот бошад.
Мактаб ба ту ақлу ҳуш бахшад,
Мактаб ба ту шаҳду нӯш бахшад...

Дар ҷумҳурии мо низ бо ибтикори саркори кишвар Шавкат Мирзиёев аз соли 2017 дар ташкил ва барпо намудани муассисаҳои таълимии томактабӣ бисёр пешравиҳо ва ободиҳо ба мушоҳида мерасанд. Ҳатто дар деҳаҳои дурдасти кишвар бунёд ва барпо шудани кӯдакистонҳо аз пешравӣ ва рушди кишвар дарак дода, шавқу завқи зиндагиро ба ҳар як ватандор афзун месозад. Ташкили чунин кӯдакистонҳо, албатта, ба соҳаи таълиму тарбия ва мактабу маориф такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Бо қарори ҳукумати ноҳияи Сариосиё аз тирамоҳи соли 2021 сохтмони кӯдакистонро дар деҳаи Хуфар барои 90 нафар таълимгиранда ба нақша даровардаанд. Сохтмон дар муддати кӯтоҳ зебо ва хушсифат сохта ба истифода дода шуд.

Соли 2022 муассисаи томактабии рақами 33-юм ба фаъолият оғоз намуд. Он рӯз боғча намуди идонаро дошт. Пиру барно, падару модарон ва мураббиёну таълимгирандагон бо чеҳраҳои шоду дилҳои масрур дар саҳни боғча ҷамъ омада буданд. Лентаи рамзии биноро ҳокими вақти ноҳияи Сариосиё Абдусалом Хӯҷамқулов расман бурида, бо самимияту ихлос аз пирони барнодили деҳа барои ободии ин маскани таълиму тарбия дуои хайр хоста буд.

Саркори муассиса Заррина Каримова аз рӯзҳои аввали фаъолият ҷиддан ва бо масъулияти тамом барои ободии ин коргоҳ талош варзид. Мудири хоҷагии муассиса Давлатбой Ғафуров барои ҳодимон ва таълимгирандагон ҳама шароитро омода менамояд. Ӯ пайваста дар ҷидду ҷаҳд аст ва пайи ободию пешравии коргоҳи худ ҳамчун фарди фидоии замон дар хидмати халқу кишвар қарор дорад.

Дар кӯдакистон 20 нафар бонувон бо ҷойи кори доимӣ таъмин, ҳама якдилона ва муташаккилона барои ободии коргоҳ ва пешравии ин даргоҳ мекӯшанду хидмат мекунанд. Дар байни ҷамоа ҳурмату иззат, ҳамдиливу ҳамбастагӣ ва садоқату эҳтиромро бараъло эҳсос менамоем. Ҳамкории ходимони ин коргоҳ бо кумитаи падару модарон, роҳбарони таълимгоҳҳои рақами 8 ва 86 хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

Дар муддати ин ду соли фаъолият боғча аллакай ду навбат хатмкунандагони худ, бачаҳои соли таваллудашон 2016 ва 2017-ро тарбия намуда, равзанаи илму ҷаҳду кӯшишро ба рӯйи дӯстрӯякон боз намуд.

Албатта, ҳамаи ин пешравиҳо обрӯ ва эътибори ин коргоҳро дар байни ҷомеа, падару модарон, аҳли деҳа ва масъулини соҳаи таълиму тарбия боз ҳам боло мебардорад. Имрӯзҳо дар ин маскан 90 нафар тифлакони дӯстрӯй тарбият мегиранд. Барои онҳо ҳама шароит муҳайё аст. Ҳар рӯз се вақт хӯроки гарм, утоқҳои дарсӣ, хонаҳои истироҳатӣ бо катҳои мулоим ва таҷҳизоти ороста, майдончаи варзишиву боғчаи пургул дар хидмати дӯстрӯякон қарор дорад. Мақсад аз ин хидмату ҷаҳду талош тарбияи хуб ба фарзандони халқ ва ояндаи некбинона ва хидмати софдилона ба халқу Ватан аст. Умед бар он дорем, ки аз байни ин наврасон шахсони босалоҳият, ҷамоатчиёни фаъол, муҳофизони Ватан ба камол расида, ба халқу кишвар хидмат мекунанд.



Хидматҳои ходимони ин даргоҳро аллакай халқу Ватан ва давру замон қадр намуда, дар соли равон аз тарафи ҳокимият ва шуъбаи маорифи ноҳия Заррина Каримова барои интизоми хуби меҳнат дар коргоҳ бо ташаккурнома ва ифтихорнома сарфароз гардонда шуд. Ӯ ин муваффақияти худро аз ҳамдиливу ҳамбастагии ҳамкорон дониста, ба эшон эҳтиром ва арзи сипос намуда, барои беш аз пеш комёб гардидан камари ҳиммат бастааст.

... Тақдири насли миллат бар зиммаи ту бор аст,
З-ин бештар ба дунё дигар чӣ эътибор аст.
Омӯзгор он гаҳ мамнуну бахтиёр аст,
Шогирди бовафояш бар халқ ифтихор аст...

Илҳом ХИДИРОВ,
омӯзгори тоифаи олии забон ва адабиёти тоҷики мактаби таҳсилоти умумии рақами 8-уми ноҳияи Сариосиё.

НЕРУИ СОЗАНДА ВА ОМӮЗАНДАИ КИТОБХОНАҲО

Маркази иттилоот ва китобхонаи ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё яке аз биноҳои ба чашм намоён ба шумор меравад, ки ғолибан ба ноҳия шукӯҳ мебахшад ва муҷассамаи як раҳт китоб дар даромадгоҳи он таваҷҷуҳи ҳар раҳгузарро ба худ мекашад.

Директори ин маскани хирад марди бофарҳанг ва китобдӯст Шавкат Азизов буда, мавсуф аз соли 2019 ин вазифаи пурмасъулиятро иҷро мекунад.

– Аз бачагӣ китобҳоро хеле дӯст медоштам ва як гӯшаи хонаи падариро низ ин навъ хазина оро медод. Ҳамин меҳр маро водор сохт, ки маҳз дар риштаи забон ва адабиёти тоҷик дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанди Тоҷикистон таҳсил бигирам ва ҳаёти минбаъди худро бо олами китоб тавъам созам. Дар оғуши чунин хазина кор кардан ба кас фараҳ ва неруи ниҳоние мебахшад, – мегӯяд Шавкат Азизов.

Назар ба гуфтаи ӯ, Маркази иттилоот ва китобхонаи ноҳияи Деҳқонобод соли 2019 бунёд ёфта, то кунун фаъолияти пурсамар мебарад. Айни ҳол дар ин маскан 14 нафар машғули кор ҳастанд, ки 5 нафар аз онҳо соҳиби маълумоти олӣ мебошанд ва панҷ нафари дигар маълумоти миёнаи махсуси китобдорӣ доранд.

– Маркази мо чор самти фаъолият дорад. Ҳадамоти иттилоотӣ-библиографӣ, хидматрасонию пур кардан, нигоҳдорӣ ва коркарди манбаъҳо, хидматрасонии обуна ва истифодабарандагони китобу хидматрасонии технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ аз ҳамин шумор аст. Мо ин вазифаҳоро ба таври бояду шояд иҷро мекунем ва ба мизоҷони худ аз таҳти дил хидмат мерасонем, – таъкид кард Ш. Азизов.

Марказ моҳи августи соли 2020 ба бинои нав кӯчонида шуд ва сифати хидматрасонӣ ба мизоҷон беҳтар гардид. Ҳамчунин нигоҳубини китобҳо мувофиқи талаботи замон роҳандозӣ шуда, шароити кор мутлақ тағйир ёфт. Алҳол дар марказ 25850 дона китоб нигаҳдорӣ мешаванд, ки 8550 нусхаи онро адабиёти электронӣ ташкил медиҳад ва базаи маълумоти гуногуни электронӣ дар китобхона баробари 64 Гб аст. Ин китобхона дар маҷмӯъ 9550 узви доимиро соҳиб буда, шумори он нафароне, ки аз хидмати китобхона истифода мебаранд, 15 ҳазор нафарро ташкил мекунад. Аммо теъдоди корбарони китобхона, ки аз базаи электронӣ истифода мебаранд, 3711 нафар мебошад ва рӯ ба афзоиш дорад.

(Давомаш дар саҳ.4).



НАЗОРАТИ АМИҚИ ТИББӢ

Бо мақсади мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ, беҳтар гардондани самаранокии сифати хидматрасонии тиббӣ ва афзун гардондани маданияти тиббии мардум садорати ҳифзи тандурустии вилоят дар ноҳияҳо муоинаи амиқи тиббии аҳолиро ба роҳ мондааст.

Ба қарибӣ чунин чорабинӣ дар ноҳияи Қаравулбозор бо иштироки беш аз 20 нафар шифокорони соҳибтаҷрибаи вилоят ба амал омад.

Дар он зиёда аз 300 шаҳрванд, аз ҷумла собиқадорони меҳнат, хидматчиёни давлатӣ, омӯзгорон, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ҷавонон, бачагони ба васигӣ гирифташуда аз назорати тиббӣ гузаронда шуданд.

Дар натиҷа ба 23 нафар барои муолиҷа дар беморхонаҳои ноҳиявию вилоятӣ роҳхат, ба 166 нафар табобат дар шароити амбулаторӣ ва таҳти назорати духтури оилавӣ тавсия дода шуд. Дар ҷараёни муоинаи тиббӣ автомобилҳои ташхисгузории флюрографӣ ва дастгоҳҳои ҳассоси муоинакунии ултрасадо ва ЭКГ истифода шуданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ДИЛУ ДАСТИ ПАЙВАНДИ ҲУНАР

Куҷо беҳунар шуд асири ниёз,
Ҳунарманд ҳар ҷо бувад сарфароз.
ФИРДАВСӢ.

Дар хонаводаи Туроббойи муаллим, баъд аз фарзандони калонӣ ва фавти чанд дилбанд, писаре тавваллуд ёфт. Барои он, ки кӯдак боз нобуд нашаваду истад, ба ӯ «Турсунбой» ном ниҳоданд. Падару модар ба мақсад расиданд. Воқеан, нури дидаашон ба по истоду калон шуд. Дар мактаб хонда, баъд аз як соли номаи камол гирифтан, ба Донишкадаи давлатии театр ва рассомии Тошканд ҳуҷҷат супурд. Вале ба бахши нави он – драмаи мусиқӣ қабул шуда натавонист. Ноумед нагардид, ба техникуми маданиву равшаннамоии пойтахт дохил шуд.

Турсунбойи санъатдӯст овони бачагӣ аз чӯби най сохта, онро ба оҳанги мусиқии радио тақлиду ҷӯркунон менавохт. Ҳамин тариқ, мустақилона найнавозиро омӯхт.

Пас аз хатми техникум роҳбари қасри маданияти шаҳраки Пахтаи вилояти Тошканд таъин гардид. Аз байн муддате нагузашта, ба театри халқии шаҳри Янгийӯл дар вазифаҳои роҳбари бадеӣ ва ёрирасони коргардон кор кард.

Дар ин ҷо 6 сол меҳнат карда, пас аз адои хидмати ҳарбӣ ба мактаби таълими миёнаи рақами 13-уми зодгоҳаш – деҳаи Варзик, ки худ дастпарвари он буд, чун муаллими суруду расм баргашт. Баъди чор соли муаллимӣ дар ин даргоҳ, дар маркази ноҳия – шаҳри Чуст қасри маданият бунёд гардиду ӯро директори ин маскан таъин карданд. Орзуи таълим дар мактаби олӣ ҳанӯз аз дилаш нарафта буд. Аз ин рӯ, ғоибона дар Институти маданияти Тошканд хонд. Пас аз 13 соли роҳбарӣ дар қасри фарҳанг мудири шуъбаи маданияти ноҳияи Чуст буд, дертар ба кори тибби халқӣ гузашт, лекин аз ҳунари навозандагӣ дил наканд.

– Ман сабаққои аввалини мусиқиро аз модарам – Хайринисо, тағоям – Тӯхтамурод (Худо онҳоро раҳмат кунад) ва дар даври мактабхонӣ бештар аз устод Турсунбой Туробов омӯхтаам. Муаллим Туробов шахси нармдилу хоксор буданд, ба мо бо суханони нарму ширин машғулият мегузаронданд. Барои ҳамин, мо – шогирдон ба устоду ҳунарашон мароқ зоҳир намуда, аз эшон сурудҳои дилкашу дилошӯбро ёд гирифта, месароидем. Репертуари дастаи ҳунарии мактабамон «Пахтамоҳ», ки устод ташкил карда буданд, асосан дар бораи модар, Ватан, ватанпарварӣ, илму дониш ва ғайра буд. Устод ба мо нозукиҳои рақсро низ меомӯзонданд. Мо бо дастаи суруду рақси омӯзишгоҳи педагогии Чуст ҳамкорӣ намуда, баъзан дар саҳнаҳои калон ҳам баромад мекардем, – мегӯяд Ҳунарпешаи халқии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Матлуба Дадабоева.

Шарофхон МИРЗОЕВ,
вилояти НАМАНГОН.

САФАР БА КИШВАРИ ОФТОББАРО

Бо таклифи губернатори музофоти Гифуи Ҷопон Х.Фуруто ҳайати вилояти Самарқанд таҳти роҳбаладии ҷонишини ҳокими вилоят Рустам Қобилов ба мамлакати Офтоббаро азми сафар карда, бо соҳибкорону тоҷирон вохӯрӣ оростанд.

Масъалаҳои вобаста ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба, таҳкими равобити иқтисодӣ, сайёҳӣ, фарҳангӣ ва ҳунарӣ баррасӣ шуд.

– Мақсад аз сафар, – иброз дошт баъди бозгашт ба ватан Рустам Қобилов, – ба сатҳи баланд баровардани ҳамкориҳои Ӯзбекистон ва Ҷопон, рушди бахши сайёҳӣ ва сармоягузории ду кишвар буд. Чунин тадбири пуршукӯҳро дар Чин, Малайзия, Туркия, Ҳиндустон, кишварҳои араб низ ташкил кардем. Зеро бо сиёсати оқилона ва дурандешонаи Сарвари давлатамон риштаҳои дӯстӣ бо мамлакатҳои ҷаҳон сол то сол рушд меёбад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ДАР МАВРИДИ КИТОБУ КИТОБХОНӢ

Роҳҳои кӯчаки зиёде вуҷуд доранд, то дунёи маънавии фарзанди шумо бузург шавад. Ишқ ба китоб беҳтарини ин роҳҳост.

(Жоклин Кеннедӣ).

Маҷбур нестед барои аз байн бурдани як фарҳанг китобҳоро бисӯзонед. Фақат коре кунед, ки мардум онҳоро нахонанд.

(Рей Бредберӣ).

Хушбахт касест, ки ба ин ду чиз дастрасӣ дорад: китобҳои хуб ва ё дӯстоне, ки аҳли китоб бошанд.

(Виктор Ҳюго).

Қабл аз суҳбат кардан фикр кунед ва қабл аз фикр кардан мутолиа.

(Фран Либовитз).

Нигоҳе ба як китоб меандозӣ ва садое аз шахси дигаре мешунавӣ. Шахсе, шояд 1000 сол аст, ки мурдааст. Китоб хондан сафар аз тариқи замон аст.

(Карл Саган).

Саҳифаҳои китоб ба монанди болҳое ҳастанд, ки рӯҳи моро ба олами нур ва рӯшноӣ парвоз медиҳанд.

(Волтер).

Китоб ҳамнишинест, ки туро хаста ва хавотир намегардонад, дӯстест, ки туро фиреб намедиҳад, рафиқест, ки ба ту озор намерасонад.

(Шекспир)

Хондан торҳои анкабути зеҳнро пок мекунад. Қудрати тафаккурро тақвият мебахшад. Моҳичаҳои мағзро варзида мегардонад. Қудрати таҳаммулро барои ҳақиқатҳои талх ва роҳҳои ҷадид боло мебарад.

(Чарлз Суиндл).

Китоб беҳтарин дӯст барои ҳамнишинӣ, беҳтарин мушовир дар замони тардид, беҳтарин оромбахши даврони афсурдагӣ, беҳтарин саргармии даврони бознишастагӣ, мутмаинтарин маводи дорӯ барои хастагӣ, беҳтарин варзиш барои зеҳн, зеботарин боғи табиат ва замини боровар барои бақои абадист.

(Болструд Войт Лок).

Дар поёни ҳар рӯз дубора итминон ҳосил мекунам, ки хондан бузургтарин маҳоратест, ки омӯхтаам. Китобҳо зеҳни маро ҳушёртар ва дарки маро аз ҳақиқат васеътар кардаанд. Аз ҳама муҳимтар он ки ба зиндагии ман аҳдофи бузург бахшидаанд.

(Адам Вайтӣ).

Гирдоваранда
Беҳрӯз БОЙМУРОДОВ,
донишҷӯйи курси сеюми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро.

КИТОБҲОИ ДАРСӢ КАЙ ДАСТРАС МЕГАРДАНД?

Роҳандозии таълими босифат дар мактабҳо, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама бо китобҳои дарсӣ ҳамбастагӣ дорад. Таҳкурсии донишу тачрибаи донишомӯзон бошад, маҳз дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад. Яъне, дар ҳаёти хурдсолон баробари ба мактаб қадам ниҳодан саҳифаи комилан нав боз мегардад. Барои онҳо дунёи нав, давраи мактабӣ, марҳилаи омӯзиш оғоз меёбад. Маҳз дар ҳамин давр дар дили хонандагон нисбат ба мактабу донишандӯзӣ меҳру муҳаббат ва ба хондан завқ бедор кардан, барои муваффақияти минбаъдаи онҳо замина мегузорад. Ин аст, ки Сарвари давлатамон ба масъалаи таълиму тарбияи насли ҷавон, бо китобҳои дарсии замонавӣ таъмин кардани онҳо диққати махсус дода, дар ин самт як қатор ҳуҷҷатҳои меъёриро имзо кардаанд.

Дар мавзӯи муҳим



Аз ҷумла, 28 январи соли 2022 Фармони Президент «Дар бораи Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» имзо гардид. Дар асоси иловаи якуми фармон «Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» тасдиқ шуд, ки аз 100 ҳадаф иборат аст. Дар мақсади 42-юми ин стратегия масъалаи «То соли 2026 дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ пурра таҷдиди назар ва татбиқ кардани барномаҳои таълимӣ ва таъмини китобҳои дарсӣ» ба миён гузошта шудааст.

Мувофиқи он, дар асоси Барномаи миллии таълимӣ то соли 2026 чоп кардани 699 номгӯй китобҳои нави дарсӣ, дафтарҳои машқ, китобҳои методии омӯзгорон ва иловаҳои мобилӣ муқаррар гардидааст.

Баъдан, ин масъала дар Фармони Президент аз 28 феврали соли 2023 «Дар бораи Барномаи давлатӣ бинобар татбиқ сохтани Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 дар «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» низ ба миён гузошта шуд. Дар фармон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим, ислоҳсозии соҳа дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, вазифаи аз соли таҳсили 2023-2024 дар муассисаҳои таълими миёнаи умумӣ зина ба зина ҷорӣ кардани барномаҳои таълимие, ки ба тарбияи донишомӯзон дар рӯҳи арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ, ватандӯстӣ, ҳамзамон, дар онҳо ташаккул додани шуури коммуникативӣ, тафаккури танқидӣ ва эҷодӣ, корбарӣ дар гурӯҳҳои таҳқиқотгарӣ (коллаборатсия, коммуникативӣ, креативӣ, критикӣ – 4К) нигаронида шудааанд, гузошта шуд.

Тибқи ҳадафи 42-юми иловаи ин фармон Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ, инчунин, Вазорати иқтисодиёт ва молия вазифадор гардиданд, ки аз моҳи сентябри соли 2023 ба донишомӯзони синфҳои 1-4-уми муассисаҳои таълими миёнаи умумиро бо авлоди нави китобҳои дарсӣ, ки дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ чоп шудаанд, таъмин кунанд.

Бо мақсади таъмини иҷрои фармон аз моҳи сентябри соли 2023 ба донишомӯзони синфҳои ибтидоии мактабҳои ҳамагонӣ китобҳои нову замонавӣ, ки дар асоси модели «4К» омода гардидаанд, дастрас карда шуд ва аз ин иқдоми накӯ на танҳо донишомӯзону омӯзгорон, балки волидон низ шод шуданд. Аммо...

Хуб медонем, ки таълим дар мамлакатамон бо ҳафт забон роҳандозӣ шудааст. Вале дар соли таҳсили 2023-2024 танҳо донишомӯзони синфҳои ибтидоии мактабҳое, ки таълим бо забони ӯзбекӣ ва русӣ аст, бо китобҳои нав таъмин гардиданд. Масъулон ба роҳбарони мактабҳое, ки таълим бо забонҳои бародарӣ – тоҷикӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва туркманӣ аст, гуфтанд, ки китобҳо пас аз чоряки якум дастрас мегарданд. Аммо чоряки як, ду, се ва ҳатто соли хониш ба охир расиду китобҳои нав фиристода нашудааст. Муаллим, донишомӯз ва волидони онҳо умедвор буданд, ки дар соли таҳсили 2024-2025 китобҳои навро ба даст мегиранд. Сад афсӯс, ки чоряки якуми соли нави хониш низ анҷом ёфту чоряки дувум сар шуд, аммо то ҳол китобҳо дастрас нашудаанд (ғайр аз чанд номгӯй китоб, ки ба баъзе мактабҳо фиристода шуданд). Донишомӯзони ин мактабҳо то ҳол аз китобҳои кӯҳна дарс мегузаранд ва ин ҳолат боиси эътирози волидону омӯзгорон гардида, чанде аз намояндагони мактабҳои тоҷикӣ ва қазоқӣ аз вилоятҳои Тошканд, Сурхондарё, Фарғона, Қашқадарё ва Навоӣ аз рӯйи ин масъала ба мо мурочиат карданд.

Воқеан, аз маълумотҳои зикршуда низ аён мегардад, ки корҳо бобати нав кардани китобҳои дарсӣ аз соли 2022 оғоз ёфтааст. Аз байн ду сол гузашт, лек то ҳол дар ин самт мушкилиҳо ба чашм мерасанд ва яке аз онҳо то ба кунун ба синфҳои ибтидоии баъзе мактабҳои ҳамагонӣ дастрас нагардидани китобҳои нави дарсӣ мебошад.

– Дар мактабҳои таълими умумие, ки таълим бо забонҳои бародарӣ аст, ҳоло аз китобҳои дарсии пештар чопшуда истифода мебаранд, – гуфт сарвари Садорати таъминоти методии раванди таълим ва китобҳои дарсии Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ Дилшода Норбоева. – Бояд гуфт, ки макети ин китобҳоро Маркази илмиву методии ҷумҳурияв рушди таълим ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ наҳуст бо забони рӯсӣ омода ва баъд ба ӯзбекӣ тарҷума карданд. Азбаски дар ҷамоаи онҳо мутахассисони дигар забонҳо набуданд, китобҳоро бо ин ду забон тайёр ва ба вазорат пешкаш намуданд. Соли гузашта мо барои синфҳои ибтидоии мактабҳое, ки таълим бо забони ӯзбекӣ ва русӣ аст, авлоди нави китобҳои дарсиро чоп кардем. Тарҷумаи ин китобҳоро ба забонҳои бародарӣ ба нақшаи имсолаи худ даровардем ва барои ин аз бучет маблағ чудо карда шуд. Бояд гуфт, ки кори тарҷума хеле мушкил аст ва дар як вақт анҷом додани кор имконнопазир мебошад. Ман худ тарҷумонӣ кардаам. Барои тарҷумаи як китоб қариб ду сол сарф намуда будам. Дар ин кор саросемагӣ нашояд. Чунки бо ғалатҳо ба мактабҳо дастрас кардани китобҳои дарсӣ хуб нест.

Мавсуф зикр кард, ки барои омодасозии китобҳо дарёфтани тарҷумон, муҳаррир, мусаҳҳеҳ, инчунин, мутахассисони фаннӣ хеле мушкил аст. Масалан, барои тарҷумаи китоби «Физика» баробари тарҷумони моҳир, муаллими ботаҷрибаи ин фанро дарёфтан лозим. Аммо мутахассисони ботаҷрибаву заковатманд ангуштшуморанд.

– Имсол тарҷумонҳои мо китобҳои «Информатика», «Таърихи Ӯзбекистон» ва боз чанд китоби дигарро ба забонҳои бародарӣ тарҷума карданд, – иброз дошт Дилшода Норбоева. – Илова бар ин, ба онҳо китобҳои синфҳои ибтидоиро додем. Танҳо барои синфҳои ибтидоӣ қариб 400 адад китоби дарсӣ мавҷуд ва ин ҳамаро тарҷума кардан лозим. Бобати омодасозии китобҳо ба забонҳои ӯзбекӣ ва русӣ мушкилӣ вуҷуд надорад. Чунки мутахассис зиёд аст. Аммо ба дигар забонҳо кадрҳо кам мебошанд. Як-ду нафар бо сарбории зиёд кор мекунанд. Ғайр аз ин, кор танҳо бо тарҷума анҷом намеёбад. Баъд аз тарҷума, мутахассисони фанниро даъват мекунем ва онҳо китобҳоро аз назар гузаронида, ғалату камбудиҳояшро ислоҳ мекунанд. Инчунин, макети китобҳоро ба мутассисаҳои таълими олӣ, ба гурӯҳи экспертиза медиҳем, то хонда хулоса диҳанд. Баъд аз ин боз сад маротиба аз назар мегузаронем. Бо вуҷуди ин, боз хато мегузарад. Масалан, соли гузашта дар тарҷумаи китоб ба забони тоҷикӣ ба вазъи ногувор афтодем. Китобҳо ношоям баромаданд ва ноилоҷ ҳамаи онҳоро ҷамъ карда гирифтем. Баъд гурӯҳи дигар аз нав тарҷума ва таҳрир намуданд. Аз ин рӯ, кори тарҷума мушкилоти зиёд дорад. Ин ҳама равандест, ки бо захираи инсон ва вақт вобаста мебошад. Мо ба қарибӣ тарҷумаи 400 китоби дарсии синфҳои ибтидоиро ба забонҳои бародарӣ анҷом додем ва ҳоло дар дасти чоп аст.

– Ҷараёни тарҷума хеле мураккаб аст, – илова кард сармутахассиси садорати мазкур Учқун Ҳомутов. – Дар ин раванд тарҷумон бо муаллифи асосӣ якҷоя кор мебарад. Аз ин рӯ, иҷрои он вақти зиёд тақозо мекунад. Гоҳо барои тарҷумаи 10-20 саҳифа як моҳ сарф мешавад. Баъзан аз мутахассисони ҷалбшуда низ хато мегузарад. Аз ин ҳолат баъзе омӯзгорон, ки таҷрибадоранд, лаб ба шикоят мекушоянд. Ғайр аз ин, дар бораи забони китобҳо низ баҳсҳо зиёданд. Гоҳо ҳангоми тарҷума ба китобҳо калимаҳои шевагӣ роҳ меёбанд. Ин ҳолат низ боиси шикоят ва эътирози барҳақи муаллимон мегардад. Дуруст, ки дар ин самт мушкилиҳо кофиянд. Ҳатто беш аз меъёр. Лекин мо ҳамеша барои ҳалли онҳо мекӯшем. Ҳоло раванди чопи китобҳо идома дорад ва то моҳи декабр китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ чоп шуда, ба мактабҳо дастрас мегарданд.

Воқеан, норасоии китобҳои дарсӣ мушкили ташвишовар аст. Чунки ин ҳолат боиси дар сатҳи зарурӣ аз худ накардани барномаҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагон ва паст гардидани сифати таҳсилот дар мактабҳо мегардад. Масъулони вазорат ваъда доданд, ки китобҳо то моҳи декабр ба донишомӯзон дастрас мегардад. Инак, ба оғози ин моҳ ҳам ду ҳафта монд. Мебинем, ки онҳо ба ваъдаи худ вафо мекунанд ё не. Ва мо албатта ба ин мавзӯъ боз бармегардем.

Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Варзиш

Дар Бразилия чемпионати ҷаҳон оид ба шатранҷ дар байни наврасон ба поён расид, ки намояндаи кишвари мо, устоди варзиш Афрӯзабону Ҳамдамова дар байни духтаракони то 16-сола ҷаҳрамони ҷаҳон гардид. Вай аз 10 бозӣ 9,5 хол ба даст оварда, ба шоҳсуфаи баланд баромад ва ба ифтихори ӯ парчами Ӯзбекистон алвонҷ зада, мадҳияи мо танинандоз гардид.
Чанд рӯз пеш ӯву падари бузургвораш, устоди нахустин, такягоҳу маслиҳатгараш Акбар Ҳакимов ба Ватан баргаштанд.
Мо Афрӯзабонуро аз номи мухлисони рӯзномаи «Овози тоҷик» табрик гуфта, ба чанд пурсиши хеш ҷавоб гирифтем.

АФРӮЗАБОНУ – БОЗ ҚАҲРАМОН!



– Мо бо аҳли оила хеле сипосгузорем, ки соли гузашта низ баъди дар Италия қаҳрамони нахустин дар байни бонувон шуданам, маҳз ҳамин нашриа доир ба ғалабаи банда навишта буд ва имрӯз боз муборакбодӣ шунидан насибам гашт.

– Афрӯзабону, талош барои пирӯзӣ чӣ тавр гузашт?

– Дар пойтахти Бразилия аз 62 кишвари ҷаҳон 527 нафар даъвогарон ҷамъ омаданд. Рости гап, аз чемпион шудан, онро ҳимоя кардан душвортар будааст. Ба қавле «набардҳои шадид» рӯи тахтаи шоҳмот бо устодони соҳибтачриба чун Лайло Табермакова, Мритика Малика ва хосатан Монтано Гвалемуне ниҳоят душвор, ҷиддӣ ва пурзаҳмат гардид, ки бо ӯ вохӯрӣ бо дуранг анҷомид.

Дар лаҳзаҳои фароғат бо падарам, устодам аз Русия – гроссмейстери байналхалқӣ Алексей Древнёв шабзиндадорӣ карда, бозиҳои рақибонро таҳлил карда, роҳи пирӯзӣ ҷустуҷӯ намуда, ниҳоят ба муроди дил расидам.

– Ана баъд лаҳзаҳои ширину фараҳбахш ва таърихӣ фаро расид?

– Оре, вақте ки ба шоҳсуфаи баланд баромадам ва ба шарафи ғалаба парчами кишвар алвонҷ зад ва мадҳияи Ӯзбекистон танинандоз гардид, беихтиёр аз дидагони ман ва падарам ашки шодӣ рехт.

Бояд таъкид намуд, ки солҳои охир аз ҷониби Президенти мамлакат якчанд қарору фармон доир ба ривочу равнақи шоҳмот эълон шудааст, ки бешубҳа ба мухлисони бешумори шатранҷ рӯи тоза мебахшад.

– Нақшаҳои оянда?..

– Моҳи декабр дар пойтахти Амрико чемпионати ҷаҳон оид ба шоҳмот дар байни калонсолон хоҳад шуд. Гарчанде ман дар байни духтаракони то 16-сола қаҳрамон шудаам, аммо дар байни калонсолон низ қуввааомоӣ мекунам. Аввало, мусобиқаҳои бонуфузи байналхалқӣ сайқали истеъдод аст, сонӣ аз номи Ӯзбекистон иштирок намудан шарафи бузург мебошад.

Ҳоло рейтинги ман 2 ҳазору 354 холро ташкил медиҳад, ки дар чумҳурӣ хеле баланд аст.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Санъати мусиқӣ соҳаи ба худ хоси фарҳанг ба шумор рафта, мардуми шарқ аз қадим ба он ихлоси баланд доранд, ки донишмандони зиёд мисли Форобӣ, Ибни Сино ва ё Мирзо Улуғбек оиди ин илм асарҳо эҷод кардаанд. Гузашта аз ин, мисли «Мақоми ушшоқ», «Мақоми Ирок», «Шашмақом», «Дугоҳ», «Сегоҳ», « Бузург», «Шаҳнози гулёр» ва ғайра мақому оҳангҳое офарида шуд, ки то ҳол қалби шунавандаро ба вачд меоранд.

БА МУСИҚИҲОИ КЛАССИКӢ УМРИ ДУБОРА БАХШИД

Руд, барбат, чағона, кунгура, най, қӯшнай, ғиҷҷак, танбӯр, уд, рубоб, қӯбиз, қонун, дутор, сетор, доира ва ғайра асбобҳои мусиқии қадимаву имрӯза ҳастанд, ки хоси халқҳои тоҷику ӯзбек ва умуман шарқ буда, дертар байни халқҳои дигар низ маъмул гашт.

Қаҳрамони лавҳаи мо, дорандаи медали «Шуҳрат», бастакор Насриддин Рӯзиев, ки ҳоло 70 солагии хешро ҷашн мегирад, дар даст бо асбоби мусиқии муъҷаз – қӯшнай дар чандин мамлакатҳои дунё сафари эҷодӣ анҷом додааст.

Дар Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон шаби эҷодии ин мусиқори номӣ баргузор гардид, ки «Ӯзбекистонам ба ту!» ном дошт. Дар шабнишинӣ устод-муаллимони мактаби мусиқии ихтисосонидашудаи ба номи Глиери ҷумҳурӣ, Донишкадаи давлатии санъат ва маданият, ихлосмандони санъати мусиқӣ, шогирдон ва наздикони Н. Рӯзиев иштирок карданд.

Насриддин Рӯзиев фарзанди Бухорои шариф мебошад. Ӯ аз хурдсолӣ бо қалби ба мусиқӣ ошно ба камол расид. Аввал дар мактаби мусиқии Бухоро, дертар дар Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон таҳсили илм кардааст ва бо гузашти солҳо дар ин соҳа асарҳои зиёд офарид.

– То Насриддин дар шаҳри мо найнавоз набуд, ман мехостам, ки ӯ найнавоз шавад. Азбаски дар қалби ӯ шарораҳои мусиқӣ ба аланга бармегашт, ба назди най боз як най гузошту ба қӯшнай балад шуд, – гуфт тағойи эҷодкор Собирҷон Соҳибов. – Ман беш аз 40 нафар шогирд дорам. Насриддин нахустшогирдам мебошад. Ӯ вақте ки бо композитор, дирижёр, Ходими хидматнишондодаи санъати Ӯзбекистон Мустафо Бафоев ба Амрико дар сафари эҷодӣ шуд, 6-то асбоби мусиқиро навохта, ин намуди санъати диёри моро шуҳратёр гардонд.



Меҳмон аз Тоҷикистон — устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд С. Саидов китобҳои нодиреро оиди мусиқӣ ба забони тоҷикӣ ба соҳибчашн супорида, гуфт, ки «ман чунин мусиқиеро бори аввал ба тариқи зинда шунида истодаам, ки бо ҳамоҳангии қӯшнай иҷро мешавад. Ин ба ман болу пар бахшид. Бесабаб най сарчашмаи мусиқии шарқ набудааст».

Дар шабнишинӣ суруду оҳангҳое, ки аз тарафи Н. Рӯзиев офарида шудааст, мисли «Оҳиста», «Хаёл», «Санобар», «Изтироб» танинандоз гашт, ки ба ҷамъомадагон рӯҳи болида бахшид.

Н. НОДИРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

НЕРУИ СОЗАНДА ВА ОМӮЗАНДАИ КИТОБХОНАҲО

⇦ (Аввалаш дар саҳ.3).

Ба гуфтаи Шавкат Азизов, марказ бо аксари муассисаҳои таълимии қаламрав ва идораҳои хурду бузурги давлатӣ ҳамкории доимӣ дорад ва ҳангоми зарурат ба ҷойҳо рафтаву дар тадбирҳои гуногуни вобаста ба китоб ва масоили маърифату маънавият ширкат меварзад. Хоса, дар намоиши китобҳо иштирок кардаву хонандагони дабистон ва дигар муассисаҳои таълимиро ба дунёи рангини китобҳо ҷалб месозад. Шоёни таҳсин аст, ки китобдорони ин маркази хирад ба хонаҳои шахсони маълул низ рафта, аз ҳоли эшон воқиф мегарданд ва мувофиқи талабашон бо китобҳои бадеӣ таъмин месозанд.

– Дар чунин мавриди одамони маълул ё ба муҷибе саломатии худро аздастдода, ки дар ҳар гӯшаи ноҳия умр ба сар мебаранд, хеле хушнуд мегарданд, – мегӯяд яке аз кормандони фаъоли китобхона Наргиза Ҷӯраева. – Зиндагии якранги чунин шахсонро, ки бархе аз онҳо солҳои дароз имкони аз хона берун рафтан надоранд, зиёи нав бахшидан ва бо олами китобҳо пайвастан ба кас ҳисси ифтихор мебахшад. Шодии чунин одамонро дида, шоҳиди он мегардӣ, ки китобҳо чӣ неруи созанда ва омӯзанда доранд.

Боиси хурсандист, ки дар марказ пайваста намоиши китобҳои нав сурат мегирад, рӯнамоии китобҳои тозанашр дар ширкати аҳли зиё баргузор шуда, чорабиниҳое низ роҳандозӣ мешаванд, ки маҳз ба тарғиби мутолиаи китоб дар байни насли наврас вобаста аст.



– Китобхонаи мо имкони дар як нишаст ба 15 мизоҷ хидматрасониро дорад. Ду роёна (компютер) насб гардида, ба интернет пайваст аст. Ин тавр, рӯзмарра зиёдтар аз 50 нафар ба китобхона омада китобҳоро дастрас ва мутолиа мекунанд. Як қисми мизоҷони мо аз тариқи интернет вориди базаи китобхона мешаванд ва аз махзани электронӣ истифода мекунанд. Ҳоло хоҳишмандони китобҳои савтӣ афзудаанд, ки боиси хушнудист, – мегӯяд Шавкат Азизов ва таъкид кард, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ саҳифаҳо боз кардаву он ҷо низ ба тарғиби китобу китобхонӣ машғуланд.

Маълум гардид, ки китобхона бо 32 ташкилоти давлативу ғайридавлатӣ шартномаҳои ҳамкорӣ дорад ва асосан ин қарордодҳоро тарғиби китоб ташкил мекунад. Боиси хурсандист, ки як қисми китобхонаро китобҳои тоҷикӣ ташкил медиҳанд. Назар ба гуфтаи директори китобхона, 150 китоби илмию бадеӣ низ мавҷуданд, аммо шумори корбаронаш нисбат ба солҳои қаблӣ хеле кам.

– Хеле мехостем, ки теъдоди китобҳои тоҷикӣ низ бештар бошанд. Чунки як қисми аъзами аҳолии маркази ноҳияро тоҷикон ташкил медиҳанд ва талаботи маънавии онҳоро қонеъ кардан як кори хайре мебуд. Дар кишвари мо китобҳои зиёд ба забони тоҷикӣ нашр мегарданд, аммо аз чӣ сабабе ба дасти мо намерасанд. Аз шунидаамон, адибони тоҷики муқими Ӯзбекистон бештар аз ҳисоби худ китоб нашр мекунанд ва теъдоди онҳо кифоят намекунад, ки ба китобхонаҳо овардаву биспоранд. Ин корро бояд ҳукумат бар ӯҳда гирад ва дар тарғиби адабиёти тоҷик дар қаламрави Ӯзбекистон мусоидат кунад. На танҳо китобхонаи мо, балки кулли китобхонаи мактабҳои таълимашон тоҷикӣ чунин мушкил доранд ва пайваста аз адади адабиёти бадеӣ шикоят мекунанд, – бо таассуф ба забон меорад раҳбари марказ.

Новобаста ба чунин мушкилот Маркази иттилоот ва китобхонаи Деҳқонобод пайваста ба тарғиби китобҳо машғул аст ва гӯшаҳои махсусе низ дорад, ки дар онҳо намунаи осори қаламкашони ҷавон ва насли куҳансоли ноҳия нигаҳдорӣ мешаванд ва зуд-зуд бо ширкати адибони маҳаллӣ дидору мулоқот низ сурат мегиранд. Дар пешбурди чунин корҳо кормандони содиқи китобхона Норбой Чориев, Наргиза Ҷӯраева ва Комила Юсупова бештар саҳм мегузоранд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Қашқадарё.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 4185. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
9 772010 775001

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.